**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.– Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст.**

Автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами таърихнигории муосири тоҷик - омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст. Ин давра, ки бо таҳаввулоти куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст, то ҳол ба таври ҳамаҷониба, бахусус дар сатҳи минтақавӣ, мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ аз ҷониби муаллиф сариваќтӣ ва аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошад.

Дар автореферат мубрамияти мавзуъ бо далелҳои мушаххас ва таҳлили вазъи таърихии солҳои аввали истиқлолият, аз ҷумла буҳрони сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, равшан нишон дода шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки ин равандҳо ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, махсусан ба минтақаи Кӯлоб, таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Ҳамзамон, аҳаммияти омӯзиши таҷрибаи таърихии рушди ин минтақа дар замони истиқлолият бо такя ба маълумоти оморӣ ва таҳлили илмӣ асоснок карда шудааст.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки гарчанде масъалаҳои алоҳидаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар асарҳои муҳаққиқони гуногун инъикос ёфтаанд, аммо таҳқиқоти маҷмӯии фарогир оид ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоб анҷом наёфтааст. Ин ҳолат навгонии илмии диссертатсияро тақвият мебахшад.

Навгонии илмии таҳқикот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал кӯшиш намудааст вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлобро дар давраи солҳои 1991–2021 ба таври комплексӣ таҳлил намояд. Дар асоси истифодаи сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла маълумоти оморӣ, маводи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ, ба равандҳои муҳими таърихӣ баҳои илмӣ дода шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқот аз усулҳои муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, хронологӣ, системавӣ ва дигар равишҳо истифода бурдааст, ки ба эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат менамояд. Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда мантиқан асоснок буда, мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар ғанӣ гардонидани донишҳои таърихи муосири халқи тоҷик ва такмили таҳқиқоти минтақавӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии он бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, навиштани асарҳои илмӣ ва таҳияи маводи таълимӣ ифода меёбад.

Автореферат тамоми паҳлуҳои диссертатсияро комилан фаро гирифта, нуқтаҳои хоси таҳқиқшуда бо далелҳои амиқ муҳтавои асосии диссертатсияро ташкил медиҳад.

Чуноне, аз сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи С. Шодизода бармеояд, рисола аз мудаддима 3 боб, 7 зербоб, тавсияву хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Хулосаи автореферати диссертатсия бо забони фасеҳу равон таълиф гардида, диссертант доир ба мавзуи диссертатсия 14 мақола, аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир намудааст, ки мазмуну мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи фанҳои ҳуқуқ ва фанҳои
гуманитарии Донишгоҳи инноватсия ва
технологияҳои рақамии Тоҷикистон Шарифов Ш.Ҷ.

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад
Email: uidt@list.ru
Тел.:(+992) 918309004

«Имзои Шарифов Ш.Ҷ.–ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати рушди кадрҳои
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои
рақамии Тоҷикистон Мухторзода С.

06 05. соли 2026